**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи ХХ», аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик**

Дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабӣ дар солҳои 70-90-и садаи ХХ нақши маҷаллаи «Садои Шарқ» назаррас буда, нафақат воқеияти ҳаёти адабиро инъикос кардааст, балки бо нашри маводи танқидӣ ба ҷараёни инкишофи адабиёт, аз ҷумла нақди адабӣ низ таъсир гузоштааст. Таҳқиқ ва арзёбии ин масъала имкон медиҳад, ки дар заминаи маводи мушаххаси адабию танқидӣ равишҳои асосии назарӣ ва амалии нақди адабии он давра ва ҳусну қубҳи он муайян карда шавад. Ин ҷараён то ҷое барои дарки тозаи ҳодисаҳои ҷараёни адабӣ, шинохти ҳунари асил ва арзёбии воқеъбинонаи эҷодиёти шоиру нависандагон ва мунаққидон шароит ба вуҷуд овард, ки як андоза ба пешрафти нақду наққодӣ мусоидат ҳам кард.

Диссертант Қодирова Д.Л. дар асоси сарчашмаҳо ва маводи пурарзиши тадқиқотӣ ва муҳокимаю муқоисаи афкори мухталифи илмию назарӣ дар мавзӯи“Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи ХХ» таҳқиқоти пурарзиш анҷом додааст. Дар натиҷа бо таҳлили воқеияти ҳаёти адабӣ дар солҳои мавриди назар гоҳо ба ҳам мувофиқат накардани равишҳои инкишофи адабиёти тоҷик ва нақди адабиро тасдиқ намуда, ба омилҳои дохиливу берунӣ ва қонуниятҳои тараққиёти дохилии адабиёт алоқаманд гардонидааст.Омӯзиш ва арзёбии маводе, ки дар ин замина дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, имкон фароҳам меоварад, ки равишҳо ва ҷараёнҳои инкишофи нақди адабӣ бо дарназардошти воқеияти ҳаёти адабӣ арзёбӣ ва муайян карда шавад. Муайян ва мушаххас намудани ин масъала бо тадқиқоти диссертатсионӣ таъкид бар аҳамияти мавзӯъ дорад. Ҳамчунин, омӯзиши ин мавзӯъ барои муайян намудани ҷустуҷӯҳои илмии мунаққидон, алоқамандии нақд бо афкори иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳунарӣ ва ҳаёти

ҷамъиятиву адабии ин давра мусоидат мекунад, ки низ бар аҳамият ва арзишмандии мавзӯи тадқиқот далел мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия “Масъалаҳои назарӣ ва равишҳои накди адабӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ»”, дар заминаи маводи маҷалла моҳияти сиёсати адабии замони Шуравӣ ва таъсири он ба раванди инкишофи накди адабӣ арзёбӣ шуда, собит шудааст, ки сиёсати адабиро дар замони Шӯравӣ қарорҳои ҳизби раҳнамо, нишондодҳои анҷуманҳо, муайян мекард. Дар заминаи таҳқиқи масъалаи жанрҳои накди адабӣ ва махсусияти таҳлили онҳо, хусусияти жанри мақола ва чеҳраи адабӣ дар мабнои воқеиятҳои адабии ин давра таҳлил ва арзёбӣ шуда, собит шудааст, ки хусусияти муҳими мундариҷавии мақолаҳо ва чеҳраҳои адабӣ иборат аз он аст, ки муаллифон дар вақти таҳлил ва арзёбии асарҳо, пеш аз ҳама, ба мавзӯи асар таваҷҷӯҳ кардаанд. Мақолаҳодар мисоли таълифоти Р. Амонов, М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, А. Сатторов, Ҷ. Бақозода ва дигарон ба таври муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудааст.Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» чеҳраҳои адабии Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигарон таҳлил шудааст. Маҷаллаи “Садои Шарқ” як силсила чеҳраҳои адабиро чоп кардааст, ки мақолоти М. Шукуров, А. Набавӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Ю. Акбаров, Р. Ҳодизода ва А. Абдураҳмонов ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, мушкилоти накди накд, моҳият ва ҷанбаи ҳунарии он арзёбӣ шудааст.

Боби дувуми рисола “Накди шеър ва хусусияти он”ба таҳқиқи масъалаи равиши накди мавзӯиву ғоявӣ ва жанрӣ бахшида шуда, пайвандҳои осори адабиро бо ҳаёти ҷомеа таъкид намудааст. Таҳлили мақолотиМ. Шукуров, Х. Мирзозода,Ю. Бобоев, Ш. Ҳусейнзода,А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода,Р. Мусулмонқулов, А. Сатторов,А. Абдуманнонов, Ҳ. Шодиқулов ва чанде дигарон баҳси вазъияти адабии танқиди адабии тоҷик, бахусус накди шеърро равшан месозад. Дар рисола собит шудааст, ки дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80 ноқидон чиддан ба таҳлили мавзӯву мундариҷа ва

ғояи шеър машғул шуда, таҳқиқи масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷикро баррасӣ намудаанд. Муҳаққиқонба шарҳи масъалаҳои анъана ва навоварӣ пардохта, ин ҳақиқатро дар мисоли эҷодиёти Айнӣ, Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Пайрав, Ҳ. Юсуфӣ, М. Миршакар, М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Қиром ва дигарон арзёбӣ кардааст.

Дар бисёре аз мақолаҳое, ки дар ин давра дар маҷалла чоп шудаанд, хусусияти жанрии ашъори шоирон низ мавриди таҳлилу арзёбӣқарор гирифтааст. Дар ин замина мақолаҳои А. Сатторов “Самараи меҳнат ва ҷустуҷӯ”, Х. Шарифов “Камоли маҳорат”, М. Шукуров “Болу пари достон”, А. Ҳакимов “Аз ғазал то шеъри озод”, Х. Отахонова “Достон ва ҳақиқати зиндагӣ”, А. Сайфуллоев “Достони Сино”, Ю. Акбаров “Дар роҳи ҷустуҷӯ” ва ғайра дар боби хусусиятҳои сохтории шеър ҷолиб буда, дар диссертатсия моҳияти андешаҳои мунаққидон арзёбӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар фасли ҷудогона “Хусусияти бадеии шеър ва нақди он” арзёбии сохтори бадеии шеърмавриди тадқиқ қарор гирифта, яке аз камбудиҳои нақдро камтаваҷҷӯҳии он ба шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеии шеър донистаанд. Бо вуҷуди ин дар давраи мавриди назар хусусиятҳои бадеии шеър мавриди таваҷҷуҳи нақд ва мунаққидони алоҳида қарор доштааст. Масъалаҳои бадеияти шеър қариб дар охири ҳар мақола ба муҳокима кашида шуда, бештар ба тарзи офариниши образ, банду баст ва сужа таваҷҷуҳ кардаанд. Масъалаҳои балоғати шеър анқариб мавриди назар қарор нагирифтааст. Ҳамчунин, дар масъалаи сабки эҷод ва тарзи корбасти он низ назарҳои умумӣ ба мушоҳида мерасад.

Боби савуми диссертатсия, ки “Нақди насри бадеӣ ва равишҳои ҳунарии он”, дар заминаи маводи таҳқиқӣ ба масоили тамоюлҳои ғоявӣ ва иҷтимоии нақди наср,- гароишҳои мунаққидон ба нақди ғоявиву иҷтимоӣ бахшида шуда, паҳлӯҳои мусбат ва манфии он мушаххас гардидааст. Табиист, ки дар нашри мақолаҳо маҷаллаи «Садои Шарқ» низ ҳамин равиши нақди адабиро пайравӣ ва амалӣ мекард. Дар таҳлили мақолаҳоасолати асили наср дар ғоянокии онҳо шинохта шуда, дар қиёс бо андешаҳои С. Табаров, Ю.

Бобоев ва М. Шукуров арзёбӣ гардидааст. Дар заминаи маводе, ки дар маҷалла чоп шудаст, метавон гуфт, ки нақди наср дар тамоюлнокии ғоявиву иҷтимоии худ гуногунранг буда, баъзе мақолаҳо ҳадафи сирф идеологӣ доранд ва баъзеи дигар хусусияти публитсистикаи иҷтимоиро ба худ гирифтаанд.Ҳамчунин, масъалаи қаҳрамони насри бадеӣ ва мушаххасоти ондар маводи интиқодии маҷаллаи «Садои Шарқ» баррасӣ шудааст.

Дар фасли ҷудогонаи ин боби диссертатсиямавзӯи “Нақди ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва сабки нависандагон” дар заминаи ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагон арзёбӣ шудааст. Ин тамоюли нақд дар мақолаҳои М. Шукуров, Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набиев, Р. Мусулмонқулов ва А. Насриддинов хеле барҷаста арзи вуҷуд кардааст, ки дар диссертатсия баррасӣ шудааст.Муаллифи диссертатсия ба мақолаҳое бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки дар ин равиш аз таҷрибаи судманди Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Кӯҳзод, Сорбон ва дигарон бахшида шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳоивазъи нақди адабии тоҷикиисолҳои 70-90-и садаи XX баррасӣ шуда, таърихи нақд андешаву мулоҳизаҳои гуногуни нақди адабирофароҳам оварда, дар асоси сарчашмаҳо ва маводи тадқиқотӣ анҷомёфта, дар заминаи нақди осори шоирону нависандагони муосир ва таҳлили таълифоти гуногуни илмӣ  ва тадқиқотӣ сурат гирифтааст.

Дар маҷмӯъ дар диссертатсия вазъи нақди адабӣ дар солҳои 70 ва 90-и садаи XX дар заминаи маводе, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудаанд, баррасӣ гардида, ҳадафи аслӣ муайян кардани нақши маҷалла дар ташаккул ва таҳаввули нақди адабии тоҷик, таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои назарӣ ва худогоҳии нақди адабӣ, ошкор сохтани нақши сиёсати адабии мусбат ва манфӣ дар равишҳои инкишофи нақд, муайян намудани жанрҳои нақди адабӣ ва усулҳои арзёбии осори адабӣ, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои нақди нақд, моҳияти ҳунарии он ва мавқеи чеҳраҳои адабӣ, арзёбии нақди шеър, равишҳои мавзӯӣ, ғоявию иҷти-моӣ, нақди

жанрҳо ва балоғати тасвир дар осори интиқодӣ, таҳқиқи равишҳои мусбат ва манфии нақди наср, тамоюлҳои мавзӯиву ғоявӣ ва иҷтимоӣ ва баррасии масъалаҳои қаҳрамони осори насрӣ, хусусияти бадеӣ, сабк ва сохтори жанрии нақди адабӣ мебошад. Осори танқидии дар давоми солҳои мавриди назар дар маҷалла нашршуда таҳқиқ шуда, қонуниятҳои назарӣ ва амалии масъалаҳои дар миёнбуда, муайян ва мушаххас карда шуд.

Сохтор ва мундаричаи рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, таҳқиқи мавзӯи мушаххаси илмӣ ба анҷом расидааст. Фаслу бобҳои рисола мақсаднок номгузорӣ шуда, аз муҳиммият ва пурарзишии тадқиқот дарак медиҳанд. Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллиф бар асоси манобеи пурарзиши назарӣ ва тадқиқотӣ сурат гирифта, дар маҷмӯъ ҷанбаҳои мушаххаси нақди адабиро равшан месозад.

Дар ҳамин асос, диссертатсияи номзадии Кодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи “Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX», аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик тибқи талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомёфта ҳисобида, барои дифоъ ба Шӯрои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
филология, профессори кафедраи
назария ва таърихи адабиёти тоҷик Абдусамад Муллоев

Имзои Абдусамад Муллоевро тасдиқ мекунам;
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Д. Назаров